АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 1 (31) 23 феврали соли 2021, сешанбе (Оғози нашр: соли 2017)

# СУХАНРОНӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ТАЪСИСЁБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

**23.02.2021, шаҳри Душанбе**

**Мухтарам генералҳо, афсарону сарбозон ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо камоли ифтихор тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, собиқадорони хизмати ҳарбиро ба ифтихори рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, бо қаноатмандиву сипос хотирнишон месозам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд.

Мо ифтихор дорем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат яке аз шоҳсутунҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Мо Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро бисту ҳашт сол муқаддам дар шароити ниҳоят вазнину ҳассоси иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии кишвар, яъне дар рӯзҳое, ки кишварро ҷангу хунрезӣ, беқонуниву беҳокимиятӣ ва буҳрони шадиди иқтисодӣ фаро гирифта буд ва ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, хатари аз байн рафтани давлати ҷавони Тоҷикистон ва пароканда гардидани миллати тоҷик воқеан ба миён омада буд, таъсис додем.

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуди иқтисодиву молиявӣ барои бунёди инфрасохтори низомӣ, таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда, таъмин кардани онҳо бо техникаву таҷҳизоти замонавӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои хизмат ва зиндагӣ тамоми тадбирҳоро амалӣ намуд ва ин равандро имрӯз низ идома дода истодааст.

Бо талошу ҷоннисориҳои фарзандони бонангу номуси Ватан, яъне афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар айёми ниҳоят душвор ва барои мардуми кишвар тақдирсоз сохти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ барқарор гардида, барои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Яъне афсарону сарбозони ватандӯст ва бонангу номуси мо дар давраи бисёр мураккабу вазнин вазифаи таърихии худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон содиқона ва ҷавонмардона иҷро карданд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хизматҳои таърихии фарзандони далеру шуҷои худро ҳамеша пос медоранд ва хотираи ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ва ҳифзи зиндагии орому осудаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар назди Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҳифзи истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон, ҳимояи сулҳу субот, манфиатҳои миллӣ, таъмин намудани амнияти давлату ҷомеа ва волоияти



қонун вазифаҳои бисёр пурмасъулият гузошта шудаанд.

Ман имрӯз дилпурона изҳор менамоям, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи мо, ки дар тӯли таърихи қариб сӣ соли сипаришуда аз бисёр имтиҳону озмоишҳои сангину мураккаб сарбаландона гузаштаанд, рисолати касбӣ ва қарзи ватандӯстонаву шаҳрвандии худро минбаъд низ бошарафона иҷро мекунанд.

Зеро артиши бисту ҳашт сол қабл амалан дар ҷойи холӣ таъсисдодаи мо имрӯз ба як сохтори муназзаму муосир ва муқтадиру боэътимод табдил ёфтааст.

Мардуми Тоҷикистон бо афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, яъне фарзандони содиқу вафодори худ ифтихор мекунанд ва эътимоди комил доранд, ки хизматчиёни ҳарбии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар оянда низ аз ӯҳдаи ҳимояи Ватан, давлат ва зиндагии осудаи сокинони кишвар бо сарбаландӣ мебароянд.

Имрӯзҳо, ки вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла минтақаи моро таҳдиду хатарҳои муосир, қабл аз ҳама, терроризму ифротгароӣ, низоъҳои диниву мазҳабӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ бисёр мураккабу печида гардонидаанд, мо бояд ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо иқтидори мудофиавии мамлакатро тақвият бахшем.

Маҳз бо дарназардошти чунин вазъ, дар Паёми имсолаи худ роҳбарони вазорату сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор намудам, ки мунтазам баланд бардоштани маҳорату малака ва сатҳи касбияти афсарон, омодабошии ҷангии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, дар руҳияи садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон тарбия кардани хизматчиёни ҳарбӣ, махсусан, афсарону сарбозони ҷавон, риояи ҳатмии интизоми хизматӣ ва талаботи ойинномаҳои ҳарбиро таъмин намоянд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи тарбия ва интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Зеро иқтидор ва қобилияти ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи касбияти мутахассисон, яъне кадрҳои низомӣ, донишу таҷриба ва маҳорату малакаи онҳо вобаста мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги ин масъала мо то имрӯз дар дохили кишвар ва дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ беш аз даҳ ҳазор кадрҳои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯи низомиро тайёр кардем.

Ҳоло боз ҳазорҳо нафар ҷавонони мо дар муассисаҳои тайёр кардани кадрҳои ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар таҳсил карда истодаанд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимми дигарро низ таъкид намоям. Дар ҷараёни омода кардан ва ҷобаҷогузории кадрҳо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки ба обутоби ҷисмониву маънавӣ, сатҳи донишу ҷаҳонбинӣ, забондонӣ, ҳисси ватандӯстӣ, одоби муошират ва дигар сифатҳои шахсиву ахлоқии кадрҳои оянда диққати ҷиддӣ диҳанд.

Чанд рӯз пештар бо мақсади ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дар ҳайати захираҳои сафарбарӣ барои мудофиаи давлат омода кардани шумораи бештари ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ӯҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" дар таҳрири нав қабул гардид ва ба як қатор қонунҳои соҳавӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Ҷорӣ гардидани намуди нави хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ, дар навбати аввал, барои ба шаҳрвандони синни даъват омӯзонидани асосҳои умумии хизмати ҳарбӣ ва ба ҳайати захираҳои сафарбарӣ ворид кардани онҳо равона шудааст.

Аз ин рӯ, Вазорати мудофиа, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо якҷоя бо дигар сохтору мақомоти давлатӣ, ки масъули татбиқи қонуни зикршуда мебошанд, вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати ташкили босифати маъракаи даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва ҷалби ҷавонон барои хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки омӯзиши пешакии шаҳрвандони синни даъват дуруст ба роҳ монда шуда, дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронидани чорабиниҳои табобативу солимгардонӣ ва бо истифода аз имкониятҳои Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа ҷиҳати омода кардани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва ҳарчи бештар ҷалб намудани онҳо ба намудҳои варзиши ҳарбию амалӣ ва омӯхтани ихтисосҳои бақайдгирии ҳарбӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки ба корҳои тарбиявӣ дар байни наваскарон, инчунин, омӯзиши таърихи бостонии халқи тоҷик, забони модарӣ ва фарҳанги миллӣ низ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба рушди иқтисодиёт илова ба таъминоти боз ҳам беҳтари ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон ва силоҳу муҳимоти ҷангӣ дар оянда низ дастгирии молиявию иҷтимоии хизматчиёни ҳарбиро густариш бахшида, барои зина ба зина беҳтар гардонидани шароити хизмат ва зиндагии онҳо, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ ва таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ҳамаи чораҳои заруриро меандешад.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумат хизмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбиро ҳамеша қадршиносӣ мекунанд. То имрӯз садҳо нафар низомиён – фарзандони бонангу номуси Ватан бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд ва мо ин иқдомро дар оянда низ идома медиҳем.

Бовар дорам, ки афсарону сарбозони бонангу номус ва далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба савганди ҳарбии худ ҳамеша содиқ монда, рисолати фарзандии худро дар назди давлат ва халқи Тоҷикистон минбаъд низ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ адо мекунанд ва 30 – солагии истиқлолу озодии Тоҷикистон – ҷашни бузургу муқаддаси миллиамонро бо хизмати содиқона, интизоми намунавӣ ва омодабошии баланд истиқбол мегиранд.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва собиқадорони хизмати ҳарбиро ба ифтихори солгарди бисту ҳаштуми таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломатӣ ва дар ҷодаи ҳифзи Ватани азизамон, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистон рӯҳи қавӣ, иродаи матин ва барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

Истиқлолият ва ваҳдат сароғози рушд ва шарти бақои тавлатдории миллӣ,
эҳёи фарҳангу тамаддун, асоси худшиносӣ ва андешаи миллӣ мебошанд.
Эмомалӣ Раҳмон



# ПАЁМЕ, КИ ДАСТУРИ СОЗАНДАГИСТ

**Ҷасорат САИДОВА,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори фармасевтӣ, КТК**



Танҳо дар минтақаи Кӯлоб аз Паём то Паём, яъне дар муддати як сол ду шоҳроҳ Кӯлоб – Муъминобод ва Кӯлоб – Шӯрообод имсол мавриди истифода қарор мегиранд, ки шахс вақти сафар бо ин роҳхо бе мушкилӣ роҳат ба манзил мерасад. Роҳи хамвор ва ҷавобгӯ бо меёрҳои байналмиллалӣ ба ҳама соҳаҳо ва пахлуҳои зиндагии мо фоидаовар аст. Масалан, шахс ба воситаи роҳи босифат сохташуда ва ҷавобгӯ бо меёрҳо бо роҳат рафта, маводи ниёзи худро оварда метавонад. Вақти сафараш камтар сарф мешавад. Бе хавфу хатар рафтани наклиёт камтар хурдашавиии қисмҳояш фоидаи дигари ронандагон ва сокинони минтақа мебошанд. Махз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба чор тарафи дунё роҳҳоямон кушода шуданд. Аз кишвари Чин, Покистон, Афғонистон ва Қирғизистону Ӯзбекистон бору коло меояду меравад. Махз бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар аст, ки ба чор тарафи дунё роҳхои дар сатҳи байналмилалӣ бунёд ёфта, рафту омад ҳаст ва тинҷиву оромӣ ва ободкорист, ки имконият мехад бештари сайёҳони хориҷӣ ба кишвари мо бо таваҷҷӯх рафту омад кунанд. Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат ишора шудааст: «Корҳои дар соха анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавкеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳхо, ки ҳамасола аз ҷониби таҳқиқоти байналмилалии "Ҳисоботи ҷаҳонии рақобатпазирӣ" гузаронида мешавад, дар зарфи ду соли охир 20 зина беҳтар гардида, тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар байни 141 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50–умро ишғол намуд».

**Фарход БАРОТОВ,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори фармасевтӣ, КТК**



Вақте истехсолот аст, маҳсулот зиёд мегардад ба арзиши он ва сифати он низ таъсир гузошта, барои мардум беҳбудӣ мешавад. Махсулоте, ки аз берун меомад он чӣ қадар дар анборҳо мехобид ва чӣ қадар дар роҳ меомад ва дар кадом шароит ба дасти харидор мерасад ба ҳамаи ин пахлуҳо таъсиргузор аст. Танҳо дар чанд соли охир метавонем маҳсулоти гуштӣ аз қабили гушти парранда ва тухми паррранддоро мисол овард, ки ҳама аз хориҷ оварда мешуд. Хушбахтона муддати чанд соли охир корхонаҳои паррандапарварии ватанӣ ба фаъолият сар карда, махсулоти ватаниро истехсол мекунанд ва эҳтиёҷ ба маҳсулоти беруна намондааст. Масалан, корхонаҳои паррандапарварӣ дар худи минтақа мавҷуд ҳастанд, ки ҳам гушти парранда ва ҳам тухми парранда истехсол мекунанд. Ҳарчанд, ки кам ҳам имрӯз бошанд. Чизе, ки 5-10 сол пеш дар мо умуман набуд ва имрӯз ҳаст ва рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Пешвои миллат низ дар Паёми имсолаашон оиди пешравии ин соҳа қайд карда гузаштанд: «Соли 2020 шумораи корхонаҳои паррандапарварӣ ба 181 расида, нисбат ба соли 2017-ум 2,7 баробар зиёд гардидааст. Дар соли 2020 истехсоли гӯшти парранда нисбат ба соли 2017-ум 4,5 баробар афзудааст ва +истехсоли тухм қариб як миллиард донаро ташкил дода, 5,5 баробар зиёд шудааст. Ҳаҷми воридоти гӯшти паранда дар соли 2020 нисбат ба соли 2017 зиёда аз 3 баробар коҳиш ёфтааст».

**Ойбек НУРАЛИЕВ,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори фармасевтӣ, КТК**



Кӯдакон ояндаи мо ҳастанд мегӯянд ва ин воқеият аст. Имрӯз дар ҳақиқат мо шароити мусоид барои тарбияи онҳо фароҳам овардаем? Масалан, агар даврони собиқ шӯравиро ба шароити ҳозира муқоиса кунем ба гуфтаи волидонамон ҳар як шаҳру ноҳияи минтақа аз замон дорои на камтар аз 8- кӯдакистон буданд. Новобаста аз он, ки аҳолии минтақа аз он давра, то ба имрӯз 35 фоиз зиёд шудааст. Мушкил он аст, ки ҳамон миқдори кӯдакистонҳое, ки дар даврони шӯравӣ буданд нисфашон ҳам фаъол нестанд. Ва ҳатто аз қисмеашон ному нишон ҳам намондааст. Қисме ба мактаб табдил ёфтаанд. Ба фоиз агар ҳисоб намоем як шумораи ками кӯдакон ба кӯдакистонҳо фаро гирифта шудаанду халос. Соҳибкорони ҳимматбаланд кӯдакистонҳо бунёд мекунанд. Лекин, ин кӯдакистонҳо, ки аксарият хусусӣ мешаванд барои кӯдакони мардуми камбизоат ҳам кӯдакистонҳои бо арзиши кам фарогири кӯдакон ва аз ҳисоби буҷа ҳам агар бунёд гарданд хеле кори хубе мешуд.

Мувофиқи таъкидҳои Пешвои миллат дар Паёми имсолааш яке аз мушкилиҳои имрӯза кам бунёд ёфтани муассисаҳои томактабӣ ва кам фаро гирифта шудани кӯдакон то сини мактабӣ дар кишвар мебошад. Ин мушкилӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб низ ба чашм мерасад. Ҳато барои ҳалли мушкилоти чойдошта Пешвои миллат ба масъулон ва раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш низ дод.

**Аминҷон БАЁНОВ,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори фармасевтӣ, КТК**

Дар Паёми 26 декабри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 -2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда буд. Ин иқдом барои дастгирӣ ва беҳтар гардонидани сатҳи дониши шогирдон аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ нақше бозида истодааст. Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ мегӯяд: «Зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба омӯзиши



илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад». Эълон шудани озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» минбаъд дар рушди фанҳои дақиқ сахми бештаре гузошта метавонад. Завқмандон мисли озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бештар мешаванд ва ин ба пешравии соҳаҳои кишвар низ метавонад алоқамандӣ дошта бошад. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамои мо донишҷӯёни КТК буда, дар партави ин дастури ҳидоятгар кору фаъолити худро бахри ватандӯсту худшинос будан боз ҳам такмил медиҳем.

**Санифамоҳ Одинаева, муаллимаи фанни забони лотинии КТК**



Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Пушида нест, ки шумораи бештари муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро ҷавонон ташкил мекунанд ва таъминкунандаи бучаи оилаҳои хеш ҳастанд. Дар сохтмонҳои НБО «Роғун» ва дигар сохтмонҳои биноҳои хонаҳои баландошёна низ бештар ҷавонон паи кор ҳастанд. Самти маориф ва тандурустӣ низ аз ҷавондухтарон ва ҷавонписарон иборат мебошанд. Онҳо сарбаландона ба меҳнати ҳалол машғул буда, дар ободии кишвари худ сахм мегузоранд. Муҳофизати кишвар ҳама бар зимаи ҷавонони шуҷои тоҷик аст. Агар ба оморҳо назар кунем, дар сатҳи роҳбарӣ низ шумораи ҷавонони соҳибистеъдод сол ба сол зиёд шуда истодааст. Дар самти варзиш низ ҷавонони варзишгари мо ҳар сол бо муҳайё шудани шароити мусоид дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ парчамбардори миллати худ ҳастанд. Масалан, дар Паёми имсолаи Пешвои миллат низ омадааст: «Солҳои охир сахми ҷавонон дар рушди варзиш ва оммавигардонии он ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳли ҷомеа назаррас мебошад. Агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ қариб ҳазор иншооти варзишӣ фаъолият дошта бошад, пас соли 2020 шумораи онҳо ба 10220 расонида шуд. Яъне шумораи иншооти варзишӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ беш аз нӯҳ баробар зиёд гардидааст.».

**Фаридун САФАРОВ,**
**номзади илмҳои тиб**



Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ, ки ҳамасола ироа мегарданд оинаи корномаи тоҷикон дар даҳсолаи охиранд. Дастовардҳои сол, комёбиҳои аҳли ҷумҳурӣ ва аҳдофу вазифаҳои минбаъда бо истифода аз далелу арқом ба мисолҳои фаровон дар Паёмҳои Президент пешниҳод мегарданд. Агар мо Паёмҳои сарвари кишварро батартиб мутолиа намоем, марҳила ба марҳила пеши назари мо рушд ёфтану пеш рафтани Ватанамон хеле равшан ҳувайдо мегардад.

«Дар ин давра зиёда аз 1300 муассисаи нави тиббӣ бунёд гардида, ҳоло дар соҳаи тандурустии кишвар қариб 110 ҳазор нафар кормандон фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 75 ҳазор нафарашон табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ буда, беш аз 68 фоизро занон ташкил медиханд.» .– омадааст дар Паёми охирони Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ. Тоҷикистони азиз сол то сол рушд менамояду ободд мешавад ва дар арсаи байналхалқӣ мақоми шоиста пайдо мекунад, ки ин боиси ифтихори мо, тоҷикон аст. Дар ин ҷода халқи тоҷикро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳнамову ҳидоятгар аст.

**Парвина МИРАЛИЕВА,**
**омӯзгори фани информатикаи КТК**



Маротибаи дуюм ишора шудан ва ба шакли васеъ гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» як дастгирии хуб гашт ва дӯстдорони китобро бештар гардонд. Масалан, дар ҳар як номинатсияи се гурӯҳӣ 9 нафар метавонист соҳиби ҷои якӯм ва ё дар ҳолати баробар ҷавобҳои саҳеҳ ва фаҳмо додан метавонистанд ду нафар соҳиби ҷои якӯм гарданд. Ҳамин тавр, дар ҳар се номинатсия ду нафарӣ ва ҳатто се нафарӣ ҳам буданд ҳолатҳое, ки се нафар соҳиби ҷои дуюм шуданд, ки шумораи умумиашон 18 то 25 нафар зиёд буд. Сазовори ҷои сеюм низ бо ҳамин шумора ва ҳамин миқдор ҳамчунин, ба бисёриҳо барои иштироки фаъолона ҷойҳои ифтихорӣ доданд. Мақсади эълони озмуни мазкур ҷалби ҳамаи табақаҳои ҷомеа ба китбхонӣ буд ва ҳаст. Хушбахтона чунин дастгирии Пешвои миллат натиҷаи хуб дод. Дар назди идораи дилхоҳ муассисаҳо китобхонаҳо ташкил ёфт ва аз онҳо кам ҳам бошад кормандон истифода мебаранд. Мардум ба китобхонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кард. Хушбахтона дар Паёми имсола низ оиди ин озмун Пешвои миллат ишора карданд. Мардум китобхониро мисли обу нон истифодаашро шурӯ карданд. Ба ҳар хол нафари китобхон ҳамкор, хамсинф рафиқашро ба китобхонӣ ҷалб кунонида метавонад. Дар ҳақиқат нафаре, ки бештар китоб мехонад захираи луғавиаш бой аст, андешаронии бештар ва фаъол дорад. Дар суҳбат ва ҳалли мушкилот танқисӣ намекашад. Дар сухан кардан мушкиле надорад. Ҳатто пеш аз сухан кардан андеша мекунад ва баъдан суханашро ба ҳамсуҳбаташ мегӯяд.

**«Дармонбахш»**

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фаридун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Абдусамадзода Бахтулло, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

**Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат ҳифзи асолати миллӣ, забон, фарҳанг, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ мебошад.**
Эмомалӣ Раҳмон







**Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии ятимону, маъюбон ва оилаҳои камбизоат, ки борҳо зимни воҳӯриҳояшон бо ҷомеаи шаҳрвандӣ баён намудаанд ва амалисозии мақсаду маромҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар арафаи соли нави 2021 ба 4 нафар омӯзгорони нафақахӯр маводи хӯрока ва ба 35 нафар донишҷӯёни ятим аз оилаҳои камбизоати МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” дар ҳаҷми як идрорпулӣ тӯҳфапулӣ аз ҳисоби иттифоқи касабаи омӯзгорон ва донишҷӯён тақдим карда шуд.**

# ГӮШАИ ЗЕБОИ ДУНЁ, КИШВАРАМ!



Тоҷикистони имрӯза минтақаи нодир дорои мавзеъҳои тамошобоб, мероси бузӯрги фарҳангию таърихӣ, мавкеъи муҳими географӣ, олами набототу ҳайвоноти гуногунранг ва гуногуншакл мебошад. Тоҷикон дар ганҷинаи тамаддуни маънавии ҷаҳонӣ саҳми сазовор доранд. Осори олимон, файласуфон, адибон ва меъморони тоҷик қисмати калони мероси тамаддуни ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Мисоли он ашъори асосгузори адабиёти классикии тоҷик, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, “Шоҳнома”-и ҷовидонаи Абулқосим Фирдавсӣ, “Қонуни тиб”-и Абӯали ибни Сино мебошанд. Осори олимону шоирон ба монандӣ: Хоразмӣ, Берунӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон тибқи гуфтаи шоир ва мутафаккири бузурги немис Гёте ситораи дурахшони дарачаи аввали назми ҷаҳонӣ мебошанд.

Ҳудуди Тоҷикистон аз замонҳои қадим ба воситаи Роҳи абрешим Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Он заминҳои Бохтар–Тахористон (Шумон, Қубодиён, Вахш, Хутал, Рашт, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва Вахон), Суғд, Истаравшан ва Фарғонаро бо Ҳиндустон, Афғонистон ва Чин пайваста, дар тиҷорати ҷаҳонӣ ва табодули фарҳангӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамуд. Тоҷикистон дорои қуллаҳои осмонбӯс, пиряххои боҳашамат, дарёҳои пуршӯр, кӯлҳои зебо, наботот ва ҳайвоноти нодир мебошад. Маҳз ҳамин гуфтаҳои боло сабаб гардид, ки Тоҷикистон ба як кишвари сайёҳӣ мубаддал гардид.

Сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳон дар даҳсолаҳои охир аҳамият ва мавкеъи махсусро ишғол карда, бо самтҳои гуногун ва шаклу намудҳои навӣ хизматрасонӣ тадриҷан рушд ёфта истодааст. Соҳаи сайёҳӣ аз ҷиҳати даромад дар ҷаҳон баъди нафт ва маводи доруворӣ ҷои сеюмро ишғол мекунад ва он 30%-и содироти хизматрасониро ташкил медиҳад.

Зимнан, “Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидани соли 2018 маҳз аз ҳамин заминахо ва воситаи расидан ба иқтисодиёти иҷтимоии устувор мебошад. Чунончӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017), иброз намуданд: “сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, маорифӣ намудани таърихy фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад”. Дар ҳақиқат, Тоҷикистон яке аз мамлакатҳое мебошад, ки захираҳои зиёди сайёҳӣ, ба монандӣ мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, табиати ҳайратангез ва ҳаловатбахш, шаҳрҷойҳо ва сохтмонҳои наву муосир, осорхонаҳо, китобхонаҳо, боғу гулгаштҳои таърихию тозабунёд, таваҷҷӯҳи зиёди сайёҳон – дӯстдорони сайру сайёҳат ва шаҳрвандонро ҷалб намудааст. Захираҳои сайёҳии кишвар дар ҳоли ҳозир натанҳо барои сайёҳон, балки шаҳрвандони мамлакат низ кашфноштуда боқӣ мондааст. Аслан, миллати тоҷик аз қадимулайём дӯстдори сайру сайёҳат ва фарҳанг мебошад, бахусус, ҷавонон ва навраcон бо роҳи пайдо кардани маълумоти беш аз таърихy тамаддун ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ба боздидҳои ҷойҳои таърихӣ, мавзеъҳои сайёҳӣ ва шаҳрҳои бузурги ҷумҳурӣ завқи баланд ва ҳоҳиши зиёд доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон 125 объекти сайёҳӣ ва санаторияву курортӣ, аз ҷумла 51 меҳмонхонаҳои истироҳатӣ, пойгоҳҳои сайёҳӣ, марказҳои саломатӣ амал мекунанд. Тоҷикистон се фурудгоҳи байналмиллалӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Кӯлоб дорад. Ҳудуди ҷумҳуриро аз шарқ се шоҳаи хати роҳи оҳан бурида мегузарад, ки ба ҳудуди давлатҳои ҳамсоя Ӯзбекистон ва Туркманистон минтақаҳои марказӣ шимолӣ, ва ҷанубӣ ҷумҳуриро бо ҳам мепайвадад. Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад.

Боиси қайд кардан аст, ки Департаменти давлатии ИМА Тоҷикистонро ҳамчун яке аз давлатҳои барои сайёҳон амнтарин эътироф намудааст. Барои соҳаи сайёҳӣ бозҳам рушду пешрафт намояд, мардуми бо нангу номуcу соҳибҳунари кишвари моро зарур аст, ки эҳёву азнавсозии ҳунарҳои мардумиро ба роҳ монанд. Чунки ҳунарҳои мардумии ҳар як миллат диққатҷалбкунанда буда, воситаи хубест барои ҷалб намудани зеҳни одамон, муаррифии фарҳангу одоб ва ҳунару истеъдоди халқиятҳои ҷаҳон. Ҳунари мардуми тоҷик ҳанӯз аз давраҳои пеш диққати сайёҳон ва ҷаҳонгардони машҳурро ба худ ҷалб кардааст. Онҳо дар бораи тарзи омода сохтани куртаҳои занона, сохтани афзорҳои рӯзгор ва нақшу нигорҳои махсус дар он мавҷуд будани ҳунарҳои дастӣ дарак медод андешаҳои гуногунро баён кардаву китобат низ намудаанд. Боиси дастгирист, ки доир ба рушди устувори сайёҳӣ ва кам намудани сатҳи камбизоатии шаҳрвандон аз тарафи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷораҳои амалӣ андешида мешавад. Тасмими хирадмандонаи пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле зарур ба ва маврид буда, инак ҳунарҳое, ки замоне фаромӯш шуда буданд, аз нав эҳё гардида, арзиши маҳсулоти дастӣ нисбат ба дигар маҳсулот меафзояд. Ҳунарҳои мардумӣ беҳтарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқаманд мебошанд. Онҳо ҳисси зебоипарстии халқро таҷассум мекунанд.

**Саидшоҳи САФАРХОН,**
**муаллими кафедраи “Фармакология”-и МДТ КТК ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз**

# РОҲҲОИ ҶАЛБ НАМУДАНИ ДОНИШҶӮЁН ВА МАКТАББАЧАГОН БА МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Яке аз воситаҳои асосии инкишофи тарбияи ҷисмонии оммавӣ ва варзиш дар байни наврасон ва ҷавонон ҳарчи бештар ба ин кор ҷалб намудани коллективҳои тарбияи ҷисмонии мактабҳо ва хонандагони дар тарбияи ҷисмонӣ фаъол мебошанд. Ин омили дурустест, ки барои афзудани самарабахшии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва бо навъҳои гуногуни машғулиятҳои тарбияи ҷисмонии берун аз синфӣ васеътар фаро гирифтани хонандагон имконияти иловагӣ фароҳам меоварад. Барои пеш бурдани тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳо ҳамаи кормандон бояд натанҳо барои фаъолияти омӯзгорӣ, балки барои пешрафти варзиш бе тараф набошанд. Коллективӣ омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ бояд ташаббускори ба таври оммавӣ ба намудҳои мухталифи машғулиятҳои ҳаррӯзаи варзишӣ ҷалб намудани ҳамаи хонандагон бошанд.

Омӯзгорони тарбияи ҷисмонии мактабҳо кори худашонро дар асоси худидоракунӣ ба роҳ монда, бояд дар ташкили ҳамаи чорабиниҳои варзишӣ ташаббуси калон нишон диҳанд. Барои ташкилу гузаронидани чорабиниҳои варзишию тандурустӣ аз рӯи соатҳои дарсӣ ҳар як омӯзгори мактаб бояд масъулият ҳис кунад.

Дар ин кор вазифаи муаллими тарбияи ҷисмонӣ хеле калон аст. Омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмониро сари вақт тайёр накунем дар онҳо нисбат ба кор шавқу ҳавас ва ҳисси ташаббускорӣ бедор нанамоем ва мустақилона кор карданро наомӯзем худ аз худ фаъолият нишон дода наметавонанд.

Дар айни замон таҷрибаи бисёр мактабҳо нишон медиҳад, ки агар ҳангоми ташкилу гузаронидани машқ ҳамаи шароитҳои зарурӣ ба назар гирифта шавад бисёр душвориҳоро бартараф кардан мумкин аст. Машқи пагоҳирӯзӣ дар аввали рӯзи таълим самараи зиёд медиҳад. Вай қобилияти кори хонандагонро дар дарсҳои аввал баланд мебардорад. Барои гузаронидани машқи пагоҳирӯзӣ ҳама шартҳои зарурии варзишӣ бояд риоя карда шавад. Бино ба қоидаҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ, хонандагон дар ташкили чорабиниҳои варзишӣ бидуни муаллими тарбияи ҷисмонӣ, дигар коллективи муаллимони муассиса низ иштирок кардан вазифадоранд. Дар тарбияи ҷавонписарону ҷавондухтарони ҳаматарафа инкишофёфта ба меҳнат ва муҳофизати Ватан тайёр намудани чорабиниҳои берун аз синфӣ ҳам саҳми калон мегузорад. Масъалаи дигаре, ки барои ҳалли он имконият хаст назди ҳар кадом муассиса сохтани майдончаҳои варзишӣ дорои таҷҳизоти гуногун бояд бошад.

**Абдуфаёз ХУШБАХТОВ,**
**муаллими фанни тарбияи ҷисмонии КТК ба номи Раҳмонзода Р.А**

Ватанро танҳо кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат ва забондону дорои касбу ихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯ обод карда метавонанд.

Эмомалӣ Раҳмон

ДАРМОНБАХШ
№ 1 (31) 23 феврали соли 2021

# АЗИЗЗОДА З: ҲОЛО ЗИЁДА АЗ 60% КОРҲОИ СОХТМОНИИ БИНОИ ХОБГОҲИ ЗАМОНАВИИ КОЛЛЕҶ БА АНҶОМ РАСОНИДА ШУДААСТ



Дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳмутулло Азиз» нишасти матбуотӣ бо иштироки доираи васеи намояндагони васоити ахбори оммаи минтақаи Кӯлоб баргузор гардид. Дар нишасти матбуотӣ роҳбари Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» Азиззода Зубуйдулло иштирок дошт ва оиди ҷамбасти нимсолаи якуми соли таҳсили 2020-2021 ва ҷамбасти соли 2020 баромад кард.

Азиззода Зубайдулло иброз дошт, ки Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” айни замон дорои 2-бинои таълимӣ, 1-бинои хобгоҳ барои донишҷӯён, 1-ташхисгоҳи таълимӣ-лабораторӣ, 1-маркази таълимӣ-истеҳсолии фарматсептӣ, 1-маркази таълимӣ - табобатии стоматологӣ бо устохонаи дандонсозӣ, 1-маркази омӯзиши малакаҳои амалии ҳамширагӣ, 97-кабинетҳои таълимӣ, 3-синфхонаи компютерӣ, 1-майдончаи варзишӣ,1-толори варзишӣ,1-толори маҷлис барои 110 нафар мебошад. Аз оғози сол кабинети ташхиси лабораторӣ, 16 синфхонаи таҳхонаи бинои №1 таълимӣ, нуқтаи тиббӣ, роҳравҳои дохили бинои №1 таълимӣ сафолпӯш гардида, толори маҷлисгоҳ пурра аз таъмири капиталӣ бароварда шуданд.

Дар коллеҷ осорхонаи доктори илмҳои тиб профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ташкил карда шуда, бо адабиёти таълимӣ, айёниятҳо ва тахтаи электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки ҳамчун синфхонаи “Асабшиносӣ” истифода бурда мешавад. Айни замон сохтмони бинои хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 750 нафар идома дошта, ҳоло зиёда аз 60%-и корҳои сохтмонӣ дар он ба анҷом расонида шудаанд. Аз моҳи январи соли 2020 баҳри беҳтар намудани раванди таълим 47 адад компютер, 15 адад принтерҳо, 6 адад проектор бо тахтаҳои электронӣ, 1 адад курсии дандонпизишкӣ, 350 адад мизу курсӣ барои синфхонаҳои таълимӣ харидорӣ карда шудааст. Айни замон шумораи компютерҳо дар Коллеҷ 156-адад, принтерҳо 156-адад, тахтаҳои электронӣ 12 адад, проектори мултимедӣ 75 ададро ташкил медиҳад.Барои дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳои фанни анатомия ба коллеҷ 3 адад скелет ва 2 адад муляжҳои замонавии таълимӣ харидорӣ карда шудааст.

Маъмурияти муассиса бо масъулияти баланд барои таҳсилу фаъолияти донишҷӯён ва омӯзгорон тамоми шароитхоро муҳайё карданд.

Ҳисоботи шашмоҳаи аввали соли 2020 аз ҷониби Директори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳмутулло Азиз» - Азиззода Зубайдулло пурра қироат карда шуд.

Нахуст хабарнигори ҳафтавори «Нақлиёт» Низом Барот суол дод, ки КТК барои чанд нафар донишҷӯ хобгоҳ дорад ва он чӣ шароитро доро мебошад?

- КТК барои 500 нафар донишҷӯдухтарон хобгоҳ дорад ва он дорои ҳама шароитҳо мебошад. Ҳамчунин имсол ба хобгоҳи донишҷӯён об кашонида оварда шуд ва мушкилоти оби нӯшокии онҳо ҳал гардид, дигар мушкилие надоранд.



- Нақшаи бинои нави таъалимии КТК ҳаст ва агар ҳа сохтмони бино кай сар мешавад? - шунида шуд суоли навбатии Раҳматалӣ Назриев, намояндаи ТВТ.

- Нақшаи бинои нави таълимӣ якҷоя бо дармонгоҳи КТК рӯи кор аст ва сохтмони он ҳоло маълум нест кай сар мешавад.

Барнои Бегмадзода рӯзноманигор аз ҳафтавори “Пайк” суол кард, ки барои сохтмони бинои нави хобгоҳи коллеҷ чӣ қадар маблағ чудо шудааст ва чӣ миқдори он аз худ карда шудааст?

- Айни замон сохтмони бинои хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 750 нафар идома дошта, ҳоло зиёда аз 60%-и корҳои сохтмонӣ дар он ба анҷом расонида шудаанд. Сохтмони бинои хобгоҳи нави КТК, ки Пешвои миллат онро санги асос гузошта буданд сохтмонаш идома дорад. Он бояд бахшида ба ҷашни 30 солагии соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба истифода дода шавад. Маблағи умумии сохтмони бино 33 миллион сомонӣ буда, то ҳол зиёда аз 12 миллион сомонӣ корҳои сохтмонии бино аз худ карда шудааст. - шунида шуд посухи З.Азиззода.



Ғайбулло Ҳалимов рӯзноманигор аз ҳафтавори «Минбари халқ» суол кард, ки ятимони кул дар КТК чанд нафар ҳастанд ва мисли пештара аз кӯмакҳо бархурдор ҳастанд ё не? Идрорпулии донишҷӯёни КТК чанд моҳ боз пардохт нашуда мондааст?

З.Азиззода роҳбари КТК посух дод, ки дар КТК 17 нафар ятимони кул таҳсил мекунанд ва ҳамаи онҳо ба хобгоҳ ва идрорпулии ҳармоҳа таъмин ҳастанд. Ҳамчунин, аз ҷониби маъмурият ва иттифоқҳои касабаи коллеҷ дар рӯзҳои ид аз кӯмакҳои пулӣ бархурдор ҳастанд. Идрорпулии донишҷӯёни коллеҷ аз моҳи июни соли гузашта ногирифта мондааст. Маблағи умумии он 450 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Масъулон ваъда додаанд ва наздикӣ ин мушкилот роҳи ҳалли худро меёбад.

- Барои чӣ ба мақолаҳои танқидӣ вокуниш дода намешавад? Дар минтақа 1300 нафар хатмкардаҳои коллеҷҳои тиббӣ дар навбати ҷои корӣ истодаанд, модоме, ки ҷунин аст хатмкардаҳои коллеҷи шумо чӣ тавр ба кор таъмин карда мешаванд? — шунида шуд суолҳои навбатии Абдулҳамид Шариф, хабарнигори ҳафтавори «Омӯзгор»

- Дилхоҳ мақолае, ки дар бораи камбудиҳои КТК агар навишта шуда бошад ва мо онро мутолиа агар карда бошем ҳатман вокуниши худро ба редаксияи ҳамон рӯзномаи мақоларо дарҷ карда, навишта мефиристем ва фиристодагӣ ҳам ҳастем ва вокунишҳои мо чоп ҳам шудаанд. Дар масъалаи хатмкардаҳои КТК аз шумораи умумии хамткардаҳои коллеҷ, ки 525 нафарашон буҷавӣ буданд 60 фоизи онҳо ба ҷои кор таъмин шуданд. Як кисме аз онҳо шавҳар карда, дигар кор накарданд. Ва дигар сабабҳо. — буд посухҳои навбатӣ.

Муҳаммади Мусавӣ рӯзномаи «Пайк» вобаста ба сари вақт надодани дипломҳои донишҷӯён, Дилшод Назирмадов ТВ «Варзиш» дар масъалаи Толори варзишии КТК ва шароитҳои он барои тамрини варзишгарон мувофиқат мекунад? Маҳмудҷон Раҳматзода, радиои «Озодӣ» Чанд нафар донишҷӯёне, ки маблағи шартномаро супорида натавонистанд ба имтиҳону санчишҳо роҳ дода нашуданд? Назирмад Сафаров ТВ Хатлон Чанд нафар номзадҳои илм дар коллеҷ кор мекунанд? Исломи Раҷабалӣ рӯзномаи «Садои мардум» чанд нафар донишҷӯён дар соли таҳсили 2019-2020 Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб»-ро бо дипломи аъло хатм кардаанд? ва дигар саволҳо дода, аз ҷониби директори коллеҷ ба саволҳои худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

Дар охири нишасти матбуотӣ Зубайдулло Азиззода ҳамаи рӯзноманигоронро ба ҳамкории судманду манфиатбахш даъват карда, нишасти матбуотии мазкурро дар пешрафти кори муассиса ба манфиат арзёбӣ намуда, ҳамчунин, ба рӯзноманигорон изҳори ташаккур намуд.

**«Дармонбахш»**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

1. **ДАВЛАТОВ АМРОХОН 10.02.1949,** муаллими фанни ҷарроҳия;
2. **САЙДАЛИЕВА УМЕДА11.02.1979,** муаллимаи фанни фармакология;
3. **КОМИЛОВА ШАФОАТ12.02.1959,** муаллимаи фанни фалсафа;
4. **ЯҚУБОВА СУМАН 13.02.1995,** муаллимаи фанни асабу рӯҳ;
5. **НАЗАРЗОДА Ч.Ш15.02.1968,** мушовири директор;
6. **ШАРИПОВА ДИЛАФРӮЗ 24.02.1992,** муаллимаи фанни момоӣ ва беморихои занона;
7. **РУСТАМОВА МАЪРИФАТ 24.02.1980,** муаллимаи фанни кимиёи биорганикӣ;
8. **ХАСАНОВА МАҲТОББӢ 25.02.1979,** китобдор;
9. **ҒАЮРОВ БАҲРОМ 26.02.1971,** муаллими фанни техники дандон;
10. **ШАҲНОЗАИ САФАРАЛӢ 27.02.1995,** муаллимаи фанни менеҷменти ҳамширагӣ;
11. **ШАМСОВА ҶАМИЛА 29.02.1974,** муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;

**ки дар моҳи феврал ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнхо дуои бардавоми умр ва бароры муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир бахрашон гуфтанием:**

**Ҳамеша шодмону хушнаво бошед,**
**Барои дӯстон обу ҳаво бошед.**
**Бихоҳем сарбаландӣ байни ёрон,**
**Ба умри сад ба мо ҳамчун даво бошед.**
**Фаруғи дидаҳотон кам нагардад,**
**Ғаме бар шодиҳотон зам нагардад.**
**Ниҳоли умри худ дилшод бинед,**
**Ниҳоли орзутон хам нагардад.**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру ҳоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**